**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(7340025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ширинчонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Ширинчонов Фирдавс Изатуллоевич «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба баъзе аз мушкилотҳои ҷойдоштаи назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалияи он (масъалаҳои бандубаст) равшанӣ меандозад. Илова бар ин, инчунин якчанд омилҳое низ мавҷуд мебошанд, ки мубрам будани мавзӯи таҳқиқотро дучанд менамоянд. Ба андешаи мо ба чунин омилҳо аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ гувоҳӣ медиҳанд:

**Якум,** то соли 2008 категорияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ба он тавре ки айни ҳол мавҷуд мебошад, муфассал инъикос нашуда буд. Аз ҷумла ҳангоми қабули Кодекси ҷиноятии соли 1998 дар ин бора ягон сухан гуфта нашуда буд. Танҳо 31 декабри соли 2008 бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №187 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон м. $335^1$ «Ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё

ташкили гузариши транзитии ғайриқонунӣ ба воситаи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва м. $335^2$ «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» ворид карда шуданд. Аз тарафи мақомоти қонунгузор дар соли 2008 ба КҶ ҶТ ворид намудани моддаҳое, ки ҷавобгариро барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешбинӣ мекунанд, аз нокифоя будани дигар чораҳои то ин вақт мавҷуда ва мубрам будани мубориза бар зидди ин падидаи номатлуб гувоҳӣ медиҳад.

**Дуюм,** пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ яке аз ҳадафҳои асосии Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он пеш аз ҳама зарурати такмил додани заминаи ҳуқуқии қонунгузории муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва дар ин замина мукамалнамоии КҶ ҶТ-ро низ талаб мекунад.

**Сеюм,** ҳангоми таҳлили таркиби ҷиноятҳои м.м. $335^1$ – $335^2$ -и КҶ ҶТ, чунин нуқсонҳоро мушоҳида намудан мумкин аст:

1) Ҷой надоштани криминализатсияи будубоши ғайриқонунии муҳоҷирони ғайриқонунӣ, ки ба фароҳам овардани имконияти бе риояи талаботи қонунгузорӣ доимӣ ё муваққатӣ истиқомат намудан дар қаламрави мамлакат ба шахсони хориҷӣ вобаста мебошад;

2) Ҷой надоштани ҳолатҳое, ки ҷавобгариро барои муҳоҷирати ғайриқонунӣ вазнин мекунанд;

3) Ҷой надоштани асосҳои ҳуқуқӣ барои татбиқи тадбирҳои хислати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дошта, нисбати шахсони ҳуқуқӣ барои содир намудани ҷиноят дар самти муҳоҷирати ғайриқонунӣ;

4) Ҷой надоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки дар вақти манъ будани воридшавиашон ба қаламрави Тоҷикистон ғайриқонунӣ такроран ворид мегарданд;

5) Мавҷуд набудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ бо мақсади расонидани зарар ба амнияти давлатӣ (саҳ. 154).

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатулоевичро собит месозанд, зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайдгардида ба охир намерасанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо маврид буда, дар он масъалаҳои муҳими қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи диссертант масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд, арзёбӣ шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд, ки дар таҷриба санҷида шудаанд, аз ҷумла мушоҳида, таҳлил, синтез, ҳамчунин муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд дар қонунгузории ҷиноятӣ таҷдиди назарро талаб менамояд. Маҳз дар ин бора дар натиҷаи таҳқиқоти худ Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич хулосабарорӣ намудааст, ки он қобили дастгирӣ мебошад.

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ**, ба омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалияи истифодаи воситаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ, барои беҳтар намудани қонуни ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд равона гардидаанд. Вазифаҳои таҳқиқоти мазкурро бошад, таҳлили таърихи инкишоф ва рушди категорияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон; муайян намудани уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба криминализатсия намудани кирдорҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ва арзёбии онҳо; таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо

муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа; таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷиноятҳое ки дар м.м. $335^1$ - $335^2$-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд; таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд; баррасии аломатҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд; коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ташкил додаанд (саҳ. 11).

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия таъкид гардидааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Барои такмили қонунгузории ҷорӣ диссертант тавсияҳои зеринро пешниҳод менамояд:

а) дар диспозитсияи м. $335^1$ КҶ ҶТ ҳамчун кирдори алтернативии тарафи объективии ин ҷиноят пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили будубоши ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд дар ҶТ;

б) хавфи ҷамъиятии истифода намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҳангоми мусофират тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба муҳоҷирони ғайриқонунӣ додани шаҳодатномаҳои қалбакӣ ё ҳуҷҷати дигаре, ки ба онҳо ҳуқуқи дар қаламрави давлат истиқомат намудан медиҳад, ҳамчун яке

аз кирдорҳои алтернативии мусоидат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ донистан зарур аст;

в) бо мақсади баланд бардоштани сатҳи пешгирии ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар м. 335[1] КҶ ҶТ пешбинӣ намудани нишонаи бандубастшаванда дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад аст: «ҳангоми дидаву дониста ташкил намудани воридшавии шахсоне, ки аз ҳудуди Тоҷикистон маҷбуран бароварда шудаанд»;

г) ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар бештари ҳолатҳо бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои молиявию моддӣ содир мегарданд ва қариб тамоми шахсоне, ки ба ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ машғуланд, барои ин кирдорашон подоши молиявӣ мегиранд. Бинобар ин, дар м. 335[1] КҶ ҶТ ворид намудани аломати бандубастшаванда дар таҳрири зерин зарур аст: «бо мақсадҳои ғаразнок»;

д) банди «д», қ. 2, м. 335[1] КҶ ҶТ «бо мақсади машғул шудан бо фаъолияти ғайриқонунӣ» дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад «бо мақсади содир намудани ҷиноят дар қаламрави ҶТ». Чунки ин ҳолат ҷиноятро бе асос ва бе зарурият вазнин мегардонад ва аз дараҷаи хавфнокии кирдори содиргардида вобаста намедонад;

е) ба қ. 2, м. 335[1] КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшаванда: «нисбат ба шахси баръало ноболиғ»;

ё) дар қ. 2, м. 335[1] КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшаванда «бо усул ва тарзи барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок».

Ин пешниҳоду тавсияҳои муаллиф қобили дастгирӣ буда, саривақтӣ ва мубрам мебошанд, аммо ба андешаи мо онҳо кифоя набуда, барои пурра бартараф намудани ноқисии конуни ҷиноятиро вобаста ба ҷиноятҳое, ки бо муҳофирати ғайриқонунӣ алоқамандананд дар баъзе ҳолатҳо асоснокии иловагиро талаб менамоянд. Ин масъалаҳо ҳам таҳқиқоти илмӣ ва ҳам таҷдиди назари қонунгузориро талаб менамоянд. Умуман дар адабиёти ҳуқуқӣ ва дар байни олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба масъалаҳои

ҷавобгарии ҷинояти барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷиртаи ғарйиоқнунӣ алоқамананданд ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошанд.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои илмӣ (нуқтаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯй.** Ягон шубҳаро саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод мебошанд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба ҷавобгари барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананданд буда, муаллиф бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷа ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ин масъаларо таҳлил намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии вобаста ба ҷавобгари барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананданд мукаммал гардонида, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд.

Нуқтаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои соҳавӣ, қонунҳо, стратегия, консепсияҳои давлатӣ ва дар раванди таълим дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 21 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич бонизом таҳия гардида, фарогири ақидаҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба м.м. $335^1$ - $335^2$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҷавобгарии

ҷиноятиро барои ташкили ва мусоидат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешбинӣ менамоянд бахшида шудаанд.

**Сохтори рисола** аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгуи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, хамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда халлу фасли худро ёфтаанд.

Асоснокии пешниҳодоти дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда, оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананданд тасдиқи худро ёфтааст. Феҳристи маъхазҳо аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошад, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзӯи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи мазкур дар автореферати диссертатсия ба таври пурра ва ҳаматарафа инъикоси хешро пайдо намудааст. Таҳлил ва омӯзиши автореферат бошад, собит менамояд, ки дар он талаботҳо оид ба омода намудани автореферат, риоя гардида, пурра ба диссертатсия мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Аз матни таҳқиқоти диссертатсионӣ бар меояд, ки он дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода карда шудааст. Дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра мазкур «Таъминоти ҳуқуқии амнияти давлатӣ» номгузорӣ шудааст, ки он фарогири мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобшуда, ки таҳқиқи ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананданд дар бар мегирад ва ба ихтисоси 12.00.08- ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои

ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Умуман, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуда, метавонем ба баъзе аз масъалаҳои баҳснок рӯ овард. Ба монанди:

1. Аз рӯи мазмун пешниҳоди 2, барои ҳимоя пешниҳод гардида, оид ба (сатҳҳои) ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ (саҳ. 12) ҷолиби диққат мебошад. Ҳамзамон, маълум нест, ки ин бо чораҳои ҷиноӣ-ҳуқуқии мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ чӣ иртибот дорад.

Шарҳи муаллиф вобаста ба масъалаи мазкур талаб карда мешавад.

1. Ҳангоми таҳлил намудани масъалаи таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Тоҷикистон диссертант таҳлилро аз замони Шӯравӣ оғоз намуда, ба давраҳои дигари таърихӣ, ба монандӣ инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар давраи тошӯравӣ (давраҳои зардушт, исломӣ) аҳамият надодааст.

Хуб мешуд масъалаи мазкурро диссертант ҳангоми ҳимояи рисола асоснок менамуд.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо гувоҳи он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим ва баҳснок мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он гувоҳӣ медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзӯи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамананд бахшида шуда, аз рӯйи мазмун ва мундариҷа масъала ва мушкилоти гуногунро фаро мегирад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Ширинҷонов Ф.И. ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусӣ ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ мусоидат хоҳад намуд. Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзӯи мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст. Диссертатсияи мазкурро метавон саҳми шахсии муаллиф дар инкишофи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ шуморид. Аҳамияти илмии диссертатсия бо он вобастагӣ дорад, ки дар он аз ҷиҳати назариявӣ роҳу усулҳои ҳалли мусбии масъалаҳои мубрами таҳқиқшаванда асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Ҳамин тариқ, диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси руи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидаанд, омода ва пешниҳод шудааст.

Номзади илми ҳуқуқшиносӣ,
муаллими калони кафедраи фанҳои
ҷамъиятӣ–гуманитарии Филиали
донишгоҳи давлатии Маскав
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Гайратов Т.М.

Имзои Гайратов Т.М. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Филиали донишгоҳи давлатии Маскав
ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Назарова Ҳ.Т.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе кучаи Бохтар 35/1. Филиали донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. E–mail: info@msu.tj Телефон: +992 (37) 221-99-41